ПРОТОКОЛИ № 19

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

23 сентябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

Раиси шуро: Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод** дар мавзуи **«Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ.

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ д.и.ф. Бозорзода Н.Ш. ва аъзои комиссия д.и.ф. Ҳасанова Т.Ғ. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи **Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод** дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи **Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод** дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон:

таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Саидмурод Хочазод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Охунзода Насриддин** – номзади илмҳои филологӣ, муовини сармуҳаррири Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор».

3. Ба сифати муассисаи пешбар – **Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 02-уми декабри соли 2026, соати 13 ^{00} муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: ҷонибдор – 10, муқобил – нест, бетараф – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б. Ш.